Бани одам аъзои якдигаранд!

Рӯзнома аз соли 1924 мебарояд

# Овози тоҷик

آواز تاجيك

Номҳои пешинаи рӯзнома: «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (солҳои 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991).

РӮЗНОМАИ ОЛИЙ МАҶЛИС ВА ДЕВОНИ ВАЗИРОНИ ҶУМҲУРИЯТИ ӮЗБЕКИСТОН

24 июли соли 2002. Чоршанбе № 56 (12798)

Дар фурӯш нархи озод. Рӯзнома соати 17.30 имзо гардид.

## Бо ташвишу орзуву умеди одамон ҳаёт ба сар бурдан меъёри асосии фаъолиятамон гардад

***Маърӯзаи Президент Ислом Каримов дар бораи рафти амалӣ гардондани вазифаҳои устувор ва супоришҳо оид ба рушди иқтисодиёти Ӯзбекистон дар нимаи якуми соли 2002 ва ҳаллу фасли муаммоҳои умда***

Мӯҳтарам иштирокдорони маҷлис!

Барои мо дар маҷлиси васеи Девони Вазирон ҷамъбаст намудани натиҷаҳои рушди иқтисодиёти мамлакат дар марҳилаи сипаришуда, аз он ҷумла дар давоми сол ва нимсола анъанаи доимӣ гардидааст.

Баробари ин муҳокимаи натиҷаҳо дар он сурат мазмун ва аҳамият касб мекунад, вақте ки таҳлил амиқ, малаканок карда, ба тамоилоти мусбӣ ва манфӣ, муаммоҳои мавҷуда, камбудиҳо ва хатоҳои роҳдодашуда аз нигоҳи танқидӣ баҳо дода, дар ҳамин пойгоҳ вазифаҳои устувори рушди минбаъдаи иқтисодиёт ва вазифаҳо оиди амиқ гардондан ва баланд бардоштани босамарии ислоҳот муайян карда шавад.

Аз ҳамин сабаб натиҷаҳои рушди иқтисодиётро дар нимаи якуми соли 2002 ҷамъбаст намуда, диққату эътибори асосӣ бояд на танҳо ба номбар кардани далелҳои мусбию манфӣ, балки дар навбати аввал ба арзёбии принсипиалии вазъият дар иқтисодиёт, ошкор сохтани сабабҳо ва омилҳои асосие нигаронда шавад, ки ба рушди суботкорона ва муназзами тараққиёти иҷтимоиву иқтисодии мамлакат таъсири манфӣ мерасонанд.

Мебояд бори дигар ба протоколи маҷлиси Девони Вазирон аз рӯи натиҷаҳои соли 2001 баргашта, ҳамин тавр арзёбӣ кунем, ки супоришоти дар он муқарраргардида барои соли 2002 чӣ тавр иҷро мегардад.

Ҳамин тавр, мухтасар дар бораи натиҷаҳои миқдориву сифатии нимсолаи аввал сухан меронем.

Ҳаҷми маҳсулоти умумии дохила дар тӯли давраи сипаришуда ба 4,2 фоиз, ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ —ба 7,2, молҳои истеъмолӣ—ба 11,5, маҳсулоти умумии кишоварзӣ ба 4,5 фоиз афзуд. Муовизаи моли чаканафурӯшӣ дар нимсола ба 8,3 фоиз, хизматрасонии пулакӣ ба аҳолӣ ба 12,7 фоиз зиёд гардид. Салдои мусбӣ дар муовизаи тиҷорати берунӣ таъмин карда мешавад.

Низоми молиявии мамлакатамон таҳким меёбад. Аввалан, аз рӯи ҳамаи моддаҳои даромад буҷа аз рӯи нишондиҳандаҳои дурнамо иҷро мегарданд. Ин имкон дод бори дигар қисми хароҷоти буҷа ва баробари ин бечунучаро иҷро намудани нишондиҳандаҳои маблағгузории буҷавӣ аз рӯи моддаҳои муҳими аҳамияти иҷтимоӣ дошта аз нигоҳи танқидӣ арзёбӣ карда, тадбирҳои зарурӣ оиди баланд бардоштани музди меҳнати кормандони ташкилотҳои буҷавӣ, вусъат додани ҳаҷмҳои нафақаҳо, идрорпулиҳо, кӯмакпулиҳои иҷтимоӣ ба рӯи об бароварда, маблағҳои иловагӣ барои сармоягузорӣ ба иқтисодиёт ҷустуҷӯ гарданд. Дар айни замон камчинии буҷа ҳамагӣ 0,8 фоизро нисбати ҳаҷми умумии маҳсулот ташкил дод. Ҳол он ки пешгӯӣ 2,0 фоиз муқаррар шуда буд.

Дар натиҷаи дар нимаи якуми сол ба рӯи об баровардани сиёсати қатъии пулу вом дараҷаи дурнамои эмиссияи пули нақд таъмин гардида, пули зиёдатӣ аз муомилот бардошта шуд. Масалан, дар семоҳаи якум ҳини муайян кардани дараҷаи эмиссия ба 4,4 фоиз, пули аз муомилот бардошта 2,1 фоизро ташкил дод. Дар семоҳаи дуюм баробари муайян кардани дараҷаи эмиссияи пул ба 2,2 фоиз, амалан дараҷаи аз муомилот бардоштани пул 0,6 фоизро ташкил дод. Дар нимсолаи аввал дар иқтисодиёт аз рӯи натиҷаҳои эмиссия маблағ ба миқдори зиёда аз 50 миллиард сӯм ҳосил гардида, аз муомилот 15,2 миллиард сӯм пули нақд бардошта шуд.

Моҳияти калон доштани иҷрои корҳо оид ба кам кардани пули нақде, ки дар муомилот мебошад, аз он ҷиҳат аҳамияти махсус дорад, ки дар натиҷаи он мо ба таҳкими асъори миллӣ назаррас муваффақ мегардем ва дараҷаи инфлятсия кам гардида, нишондиҳандаи миёнаи ҳармоҳа 1,1 фоизро ташкил дод. Ҳол он ки ин нишондиҳанда соли 2001 ба 1,5 фоиз баробар буд.

Мехостам диққату эътиборро ба он ҷалб созам, ки мувофиқи роҳи пешгирифта оиди минбаъда озодкунии сиёсати иқтисоди берунӣ ва асъор дар нимсола маҷмӯи тадбирҳое ба рӯи об бароварда шуданд, ки имконият доданд бозори асъори байнибонкӣ хеле таҳкиму вусъат ёфта, ҳаҷми ҷараёнҳои асъори нақди хориҷӣ дар алоқамандӣ бо баланд бардоштани нақши асъори миллӣ ҳамчун воситаи ягонаи пардохт вусъат ёбад. Вале бояд эътироф намоем, ки ин танҳо як қисми тадбирҳо мебошад. Корҳои асосиро оид ба минбаъда озодкунии бозори асъор ва унификатсияи он моҳиятан дар нимсолаи дуюм ба иҷро расонем. Дар ин бобат масъулияти калон пеш аз ҳама ба зиммаи Бонки марказӣ, Вазорати молия ва кумитаҳои давлатии андозу гумрук гузошта мешавад.

Дӯстони азиз!

Ҳамаи мо хуб медонем, ки ба рушди соҳибкории хурду миёна, тадбиргарии хусусӣ чӣ қадар аҳамияти калон медиҳем. Ман борҳо зикр намудаам, ки вай даъват гардидааст дар вақтҳои наздик дар сохтори иқтисодиётамон дар ҳаллу фасли муаммоҳои шуғл, мол-омол кардани бозори дохила бо молҳо ва хизмат, баланд бардоштани сатҳи зиндагонии одамон нақши калонро бозад. Масъалаҳои рағбатноксозии фаъолият, ҷонибдорӣ, фароҳам овардани шароити мусоиди ҳуқуқӣ ва иқтисодӣ барои тадбиргарон бояд ҳамеша дар маркази диққату эътибори сарварони тамоми дараҷаҳо ва пеш аз ҳама, мақомоти ҳудудии ҳокимият ва идора қарор гирад.

Бояд қайд намуд, ки вақтҳои охир фаъолияти соҳибкории хурд ва тадбиргарии хусусӣ пурзӯр гардид. Дар нимсола зиёда аз 26,7 ҳазор корхонаи соҳибкории хурду миёна созмон дода шуд, ки вай нисбати ҳамин давраи соли гузашта 1,7 маротиба зиёд аст. Ва ба ин аз бисёр ҷиҳат содда гардондани қоидаҳои номнавискунии онҳо, фароҳам овардани озодӣ ба фаъолияти ин сохторҳо мусоидат намуд. То 1 июли соли 2002 миқдори корхонаҳои амалкунандаи соҳибкории хурду миёна аз 200 ҳазор гузашт, ки аз онҳо 168,6 ҳазораш фирмаҳои хурд ба ҳисоб меравAнд.

Аз ҳисоби рушди тадбиргарӣ 200 ҳазор коргоҳи нав ба вуҷуд оварда шуд, ки нисбати пешбинигардида 1,5 маротиба зиёд мебошад. Вазни қиёсии корхонаҳои соҳибкории хурду миёна нисбати маҳсулоти умумии дохила аз 31,6 ба 33 фоиз расид.

Низоми вомдиҳӣ ба соҳибкории хурд ва тадбиргарии хусусӣ беҳтар гардид. Ҳаҷми ҷудо кардани вомҳои хурд 2,5 маротиба зиёд гардида, 18,0 миллиард сӯмро ташкил дод. Дар нимсола ба андозаи 40,4 миллион доллари ИМА вомҳои хориҷӣ азхуд гардида, тадбирҳо оид ба таври илова ҷалб намудани вому грантҳои хориҷа ба ин мақсадҳо дар ҳаҷми 270 миллион доллари ИМА ба рӯи об бароварда мешаванд.

(Давомаш дар саҳ.2)

## Муаррифии иқтисодиёти Ӯзбекистон дар Лаҳистон

**Дар Палатаи савдои Лаҳистони Варшава маросими муаррифии иқтисодиёти Ӯзбекистон ба амал омад, ки Сафоратхонаи Ҷумҳурияти Ӯзбекистон дар Берлин дар ҳамкорӣ ба Вазорати иқтисодиёти Лаҳистон созмон дод, ки дар он зиёда аз 60 намояндаи фирмаву ширкатҳои лаҳистонӣе иштирок намуданд, ки дар соҳаҳои мухталифи иқтисодиёт бо фаъолият шуғл меварзанд.**

Дар суханронии худ ҷонишини аввали вазири иқтисодиёти Лаҳистон А.Шараварски зикр намуд, ки ҳоли ҳозир Ҳукумати Лаҳистон оиди лоиҳаи барномаи ҳамкории Лаҳистон бо мамолики Осиёи Марказӣ, бо назардошти пайваста афзояндаи нақши иқтисодиёти минтақа шуғл меварзад. Яке аз мақсадҳои стратегии ин барнома ба интенсификатсияи ҳамкории тиҷоративу иқтисодӣ бо Ҷумҳурияти Ӯзбекистон нигаронда шудааст, ки дар солҳои истиқлолият комёбиҳои хотирнишинро дар ислоҳсозии иқтисодиёт ва ҷалб сохтани сармояҳои хориҷа ба даст овардааст. Баробари ин зарурати вусъат додани ҳаҷми муовизаи мол байни мамлакатҳо зикр ёфт, ки дар ин бобат ҳар ду тараф ҳам нерӯи истифодабурдашударо молик ҳастанд.

Фикри худро тақвият дода, А.Шараварски зикр намуд, ки шарикони лаҳистониву ӯзбекистонӣ метавонанд ҳамкории ба ҳамдигар муфидро дар чунин соҳаҳо, аз қабили саноати навту газ, кимё, мошинсозӣ, электроэнергетика, таъминоти об ва ғайра ба роҳ монанд.

Сафири Ҷумҳурияти Ӯзбекистон В.Норов иштирокдорони тадбирро аз хусуси амалӣ гардондани ислоҳоти иҷтимоиву иқтисодии ҷумҳурият, вазъи равобити берунии иқтисодӣ, раванди озодкунии бозори дохилаи асъор, рушди соҳибкории хурду миёна, ҳамчунин имтиёзу гузаштҳкуниҳо дар ҷумҳурият нисбати сармоягузорони хориҷа бохабар гардонд.

Дар рафти муаррифӣ ба иштирокдорон филми кӯтоҳметража дар хусуси нерӯи фарҳангӣ, иқтисодӣ ва сайёҳии ҷумҳуриятамон намоиш дода, варақаи иттилоотӣ ба забони лаҳистонӣ, ки Сафоратхонаи Ӯзбекистон таҳия намудааст, дигар бисёр маводҳои иттилоотӣ паҳн карда шуданд, ки ҳаёти фарҳангӣ, иҷтимоиву иқтисодии Ӯзбекистонро дар бар гирифта буданд.

**ОИ «Ҷаҳон».**



Бо пешвози рӯзи истиқлол

## Олам дидан, одам дидан аст...



Майдони Мустақиллик серодам буд. Дар байни истироҳаткунандагон диққати моро гурӯҳи кӯҳансолон ҷалб сохт, ки саҳифаҳои заррини «Китоби хотира»-ро варақгардон карда, ба ҳамдигар ин ё он номро тавзеҳ медоданд.

Онҳо 94 нафар собиқадорони ҷангу меҳнат аз ноҳияи Риштони вилояти Фарғона будаанд, ки таҳти сарпарастии раиси бахши риштонии Бунёди байналхалқии «Маҳалла» ба тамошои шаҳри Тошканд омадаанд.

Раиси бахши мазкур Баҳром Зиёев гуфт, ки онҳо бо ағбаи Камчиқ тавассути мошинҳои худамон—12 «Дамас» омадаанд. Ба онҳо як мошини боркаши «КАМАЗ» ҳамроҳӣ мекунад, ки озуқа ва дигар чизи лозимиро ҳамроҳаш гирифтааст. Ва сафари мазкур бо ташаббуси корхонаву ташкилот ва муассисаҳо, аз он ҷумла ғамхории бевоситаи ҳокимияти ноҳия сурат мегирад.

—Майдони Мустақиллик тамоман тағйир ёфтааст,—мегӯяд раиси маҳаллаи «Ҷалаир» Анвархон Аҳмадхонов.—Ташкил ёфтани майдони Хотира ва сохтани ҳайкали Модари мотамзада айни муддаост. Дар он арзишҳои беҳтарини халқамон таҷассуми худро гирифтаанд ва барои ин ба сарвари давлатамон миннатдории калони худро баён мекунам.

—Анвархон-ака гапи ҳақро гуфт,—ба сӯҳбат ҳамроҳ шуд Майрамхон Усмонхӯҷаева.—Чашми ман дар Тошканд аз тамошои биноҳои баланду зебо сер нашуд. Агар баъзе ҷойҳои пешина намебуд, ман шаҳрро намешинохтам. Бемуболаға шаҳр зебову обод ва озодаву сабзу хуррам гардидааст. Ва ҳамаи он аз меваҳои ширини истиқлол ва соҳибихтиёриамон дарак медиҳад. Кас ин ободиҳоро дида баояндаи дурахшони мамлакат эътимоди калон пайдо мекунад.

Ногуфта намонад, ки Риштони мо ҳам дар солҳои истиқлолият ба таври шинохтанашаванда ҳусни худро тағйир дод. Ба ҳокимияти ноҳия ва корхонаву ташкилотҳое раҳмати худро изҳор мекунем, ки дар бобати амалӣ гардондани сафарамон ба мо аз наздик ёрӣ расонданд ва он ғамхории навбатии онҳо ба мо кӯҳансолон-собиқадорони ҷангу меҳнат дар соли эъзози кӯҳансолон мебошад.

Ба сӯҳбат раиси бахши риштонии бунёди «Маҳалла» Баҳром Зиёевро кашидем.

—Дар ноҳияи мо собиқадорони ҷангу меҳнат бисёранд,—гуфт вай.—Ҳама тадбирҳои хурду бузург дар мо бо маслиҳату машварати кӯҳансолон мегузарад. Истиқлол муносибати одамонро ба кору зиндагӣ ба куллӣ тағйир дод. Арзишҳои миллӣ баргаштанд. Мо гӯё ба худкашфкунӣ пардохтем. Номи табарруки бисёр алломаҳои бузург аз нав зинда шуд. Орзу доштем, ки собиқадорони ҷангу меҳнати ноҳияро ба зиёрати қадамҷоҳои авлиёву анбиё барем. Ва орзуи мо ҷомаи амал пӯшид. Баъди тамошои Тошканд ба зиёрати ин қадамҷоҳои бузург ба Бухорову Самарқанд меравем.

Собиқадорони ҷангу меҳнат аз биноӣ Олий Маҷлис, Хиёбони хотираи қурбониёни қатағон ва дигар ҷойҳои ба диққат сазовори Тошкандро тамошо карданд. Собиқадорони ҷангу меҳнат бо як олам таассурот пойтахти Ӯзбекистонро тарк карданд ва ваъда доданд, ки дар бораи дигаргунсозиҳо, ки дар солҳои истиқлолият рух додаанд, алалхусус, дар боби навсохтмонҳо, куллан тағйир ёфтани симои шаҳру деҳоти ҷумҳурият ба ҷавонон нақл мекунанд, дар бобати тарбияи онҳо дар рӯҳи ватандӯстӣ, меҳру муҳаббат нисбати Ватан қуввату дониши худро дареғ намедоранд.

**Э. НОДИР.**

**Дар суратҳо:** лаҳзаҳо аз сайру саёҳати собиқадорони ҷангу меҳнати ноҳияи Риштон.

**Аксбардор: Владимир ПОРТНОВ.**





Шарҳи рӯзнома

## Вазифаҳои аввалиндараҷа кадомҳоянд?

Маҷлиси Девони Вазирони Ӯзбекистон бахшида ба рафти амалӣ гардондани вазифаҳои устувор ва супоришҳо оиди рушди иқтисодиёти Ӯзбекистон дар нимаи якуми соли кунун ва ҳаллу фасли муаммоҳои умда ба амал омада, дар он Президенти мамлакатамон Ислом Каримов маърӯза намуда, бурду бохтро дар ин бобат таҳлил кард. Азбаски комёбиву дастовардҳо аз они худамон асту барои баланд бардоштани нерӯи иқтисодии Ӯзбекистон, сатҳи зиндагонии аҳолӣ, яъне ҳар кадоми мо мусоидат мекунад, дар ин бора ҳарф намезанем. Чунки он ба ҳамагон маълум асту хоҷат ба шарҳ додан ҳам нест. Вале барои боз ҳам рушд бахшидани иқтисодиёт, баланд бардоштани сатҳи зиндагонии аҳолӣ корҳои бисёреро ба анҷом расондан лозим меояд ва дар ин хусус маҳз дар поён сухан меравад.

Вазифаи аввалини муҳим ин алҳол рушд бахшидани соҳибкории хурду миёна ва тадбиргарии хусусӣ мебошад. Барои ин заминаи зарурии ҳуқуқӣ ба вуҷуд оварда шудааст. Вале ҳамоно муносибати бюрократӣ ва зӯроварӣ нисбати ин сохтор вуҷуд дорад. Бо ҳар гуна баҳонаҳо ба фаъолияти хоҷагидории онҳо дахолат карда мешавад. Аз он ҷумла дар зери ниқоби корҳои хайрот иҷборан маблағҳои онҳо ба сохтмон, ободонӣ ва ғайраву ҳоказо ҷалб карда мешаванд, ки амалияи нодуруст аст. Чунки набояд фаромӯш кард, ки онҳо синфи миёна ба ҳисоб рафта, ҳам дар бахши иҷтимоиву ҳам иқтисодӣ ва ҳам ҷамъиятиву сиёсӣ такягоҳи асосиамон дар бобати ба даст омадани мақсадҳои асосии стратегии навсозӣ ва шукуфонии ҷамъиятамон ва сарзамине мебошад, ки мо дар он ҳаёт ба сар мебарем.

Вазифаи навбатӣ оқилона, сарфакорона ва эҳтиёткорона истифода бурдани захираҳои муҳимтарини моддиву табиист. Агар мушаххас гӯем, ин оқилона истифода бурдани об, замин, газу нафт, сӯзишвориву аҷноси энергетикӣ мебошад. Вале дар мо дар ин бобат ҳанӯз камбудиҳои ҷиддӣ мавҷуданд ва мебояд дар фурсати кӯтоҳ ислоҳ шаванд.

Вазифаи навбатӣ ин бечуну чаро иҷро гардидани шартҳои ӯҳдадориҳои шартномавие мебошад, ки байни хоҷагиҳо ва давлат, байни хоҷагиҳо ва пудратчиёни оилавӣ ва фермерон ба имзо мерасанд. Алалхусус, сари вақт ба иҷро расондани ӯҳдадориҳои шартномавӣ байни хоҷагиҳо ва пудратчиёни оилавиву фермерон аҳамияти калон дорад. Вале, мутаассифона, дар ин бобат дар мо камбудиҳо бисёранд ва аксар вақт ҷонибҳое, ки шартҳои шартномаро иҷро накарданд, беҷазо мемонанд. Ва ин иллат мебояд решакан карда шавад. Ва дар пойгоҳи он низ ҳифзу ҳимоя намудани амволи инфиродӣ ва амволдорӣ мебошад. Зеро ҳоли ҳозир ба имзо расондани ин шартномаҳо шаклпарастиро гирифтаасту иҷрои онҳо аз тарафи касе назорат карда намешавад. Аз ин рӯ, қатъан иҷро гардидани шартҳои шартномаҳо, муносиб қадр кардани меҳнати онҳое, ки иҷрокунандагони асосии шартҳои ин шартномаҳо ба ҳисоб меравAнд, вазифаи умдаи рӯз ба ҳисоб меравад.

Минбаъда озодкунии тамоми соҳаҳои ҳаётамон ва амиқ гардондани ислоҳот низ вазифаи муҳим ба ҳисоб меравад. Зеро озодкунии тамоми соҳаҳои ҳаёт барои мо маҳаки асосие гардидааст, ки зинаи пайвасткунандаи тамоми дигаргунсозиҳои мамлакат мебошад. Дар ҳамин пойгоҳ озодӣ ба фаъолияти субъектҳои хоҷагидорӣ, аз он ҷумла соҳибкории хурду миёна ва тадбиргарии хусусӣ фароҳам оварда мешавад. Дар бобати таъмини озодтабодулии асъори хориҷӣ ҳам қадамҳои дилпурона гузошта мешаваду инро пурра иҷро гардидан шартҳои меморандум аз тарафи Ӯзбекистон тасдиқ мекунад, ки ба Бунёди байналхалқии асъор аз 1 январ то 30 июни соли ҷорӣ ба имзо расида буд.

Мо роҳи озодкунии ҳаёти иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсии мамлакатро давом дода, ба кам кардани таъсири нақши танзимгарии давлат ва баробари ин вусъат додани мустақилкории иттиҳодиву корхонаҳои хоҷагидорӣ, ба онҳо бештар пешкаш кардани озодӣ ва имкониятҳо ба он мақсад диққату эътибор медиҳем, то ки онҳо ба маблағҳои хеш беҳтар ихтиёрдорӣ кунанд. Ва ин кор тавассути кам кардани сарбории андоз амалӣ гардонда мешавад. Аз ин рӯ ба андозҳои давлатҳои аз нигоҳи иқтисодӣ муттараққӣ расондани хаҷми андоз дар мамлакатамон барои соли оянда ва солҳои минбаъда вазифаи аввалиндараҷа қарор дода шудааст.

Вазифаи дигар ин муайян кардани то чӣ андоза босамар фаъолият пеш бурдани корхонаҳои давлатӣ, ҷамъиятҳои саҳҳомӣ, ҷамъиятҳои фаъолияташон маҳдуд мебошад, ки дар маблағи оинномавии онҳо саҳми давлат бештар мебошад. Амалия нишон медиҳад, ки дар онҳо фаъолият он қадар хуб несту ҳамоно усулҳои пештараи маъмуриву фармонфармоии идора болодастӣ мекунанд. Аз ин рӯ, аз тасарруфи давлат баровардани ҷамъиятҳои саҳҳомиву фаъолияташон маҳдуде, ки самти стратегӣ надоранд, дар бозори бунёдҳо фурӯхтани онҳо ба сармоядорон, минҷумла сармоядорони нерӯдори хориҷӣ вазифаи муҳим пешбинӣ гардидааст. Дар айни замон нисбати чунин корхонаҳо ва сохторҳо амалияи муфлисшавиро ҷасурона истифода бурдан лозим меояд.

Босамар истифода бурдани маблағҳои буҷаи давлатӣ, аз он ҷумла маблағҳои муттамарказонидашуда, ислоҳсозии маҷмӯи бинокорӣ, амалӣ гардондани лоиҳаҳои сармоягузории устувор, созмон додани корхонаҳои муштарак, бо ҳамин беҳтар кардани сифати маҳсулот, ба рақобат тобоварии он, аз он ҷумла зоҳир кардани ватанпарварӣ нисбати маҳсулоте, ки дар худамон истеҳсол карда мешавад, вазифаи муҳим аст. Чунки ба касе сир нест, ки алҳол ба бозорҳоямон молҳои бадсифату аз ҷиҳати намуд хушрӯ ворид мегарданду боиси норозигии аҳли ҷамъият мешаванд. Ва вай дар навбати худ боиси он мегардад, ки асъори озодтабодуле, ки ба ивази фурӯхтани нахи пахта, маъданҳои рангаву қиматбаҳо-асоси содироти моро ташкил медиҳад, ҳосил мегардад, дар берун аз ҳудуди ҷумҳурият мемонад. Магар онро ба дигар эҳтиёҷ, алалхусус хариди доруву дармон, корҳои бунёдкорӣ ва ғайра харҷ кунем, хуб намебуд? Ҳамаи онро дар қаламрави мамлакатмон истеҳсол кунем, аз он худамон фоидаи калон медидем. Аввало, одамонамон, алалхусус ҷавононамон ба шуғли доимӣ фаро гирифта мешуданд. Барои ин ашёи хом, масолеҳ ва аз ҳама муҳимаш, кадрҳои баландмалакаро дорем. Мо бояд ба рекламаи маҳсулотамон диққату эътиборро пурзӯр гардонем. Вазифаи муҳими дигар ин ба рӯи об баровардани Барномаи миллии тайёркунии кадрҳост.

Алқисса, иҷрои ин вазифаҳо ва дигар масъалаҳои умда на танҳо қарзи ҳамагон, балки вазифаи ҳар кадоми мо бояд гардад. Ва он бешак, барои шукуфонӣ ваояндаи дурахшони мамлакатамон, Ватанамон мусоидат мекунад. Аз ҳама муҳимаш, бо ташвишу изтироб ва орзуву омоли халқ ҳаёт ба сар барем, дар он сурат марраҳои дилхоҳро ба осонӣ фатҳ мекунем.

Қарори маҷлиси Девони Вазирони Ҷумҳурияти Ўзбекистон

# Дар бораи рафти амалӣ гардондани вазифаҳои устувор ва супоришҳо оиди рушди иқтисодиёти Ўзбекистон дар нимаи якуми соли 2002 ва ҳаллу фасли муаммоҳои умда

1.Девони Вазирон зикр менамояд, ки дар нимаи якуми соли ҷорӣ амалӣ гардондани вазифаҳои устувор ва нақшаҳое, ки барои соли 2002 пешбинӣ гардида, ҳамчунин супоришҳое, ки протоколи рақами 1 маҷлиси Девони Вазирон аз рӯи натиҷаҳои соли 2001 муқаррар карда буданд, собитқадамона таъмин гардиданд.

Афзоиши маҳсулоти умумии дохила (4,2 фоиз), ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ (4,5 фоиз), маҳсулоти кишоварзӣ (4,5 фоиз), муовизаи моли чакана (3,3 фоиз), хизматрасонии пулакӣ (12,7 фоиз) таъмин карда, салдои мусбӣ дар мувозанати тиҷорати беруна ба даст омад.

Дар натиҷаи амалӣ гардондани сиёсати сахти пулу вом дараҷаи миёнаи ҳармоҳаи инфлятсия нисбати нимсолаи якуми соли 2001 аз 1,4 фоиз ба 1,1 фоиз паст фуромад. Дар нимсолаи аввал иқтисодиёт аз натиҷаҳои эмиссионӣ ба андозаи беш аз 50 миллиард сўм созмон ёфта, аз муомилот 15,2 миллиард сўм пули нақд бардошта шуд.

Диққату эътибори асосӣ ба амалӣ гардондани тадбирҳо оиди минбаъда озодкунии сиёсати иқтисоди беруна ва асъорӣ, унификатсияи қурби муовиза нигаронда шуд. Шабакаҳои васеи нуқтаҳои муовиза ташкил гардида, амалан тамоми маҳдудиятҳое аз байн бардошта шуд, ки пештар ҳангоми харид дар шабакаҳои муовизаи асъори хориҷӣ ҷой доштанд.

Нуктаҳои Барномаи мониторинг оид ба масъалаҳои сиёсати иқтисодӣ ва молиявии Ўзбекистон ба давраи аз 1 январ то 30 июни соли 2002 иҷро гардиданд, ки Ҳукумати Ўзбекистон ва Бунёди байналхалқии асъор ба имзо расонда буданд.

Ҳосили аз ҳама баланди ғалладона рўёнда шуд. Қариб 4,7 миллион тонна ғалла рўид. Амалан тамоми минтақаҳо шартномаҳои хариди ғалларо барои эҳтиёҷи давлат иҷро намуданд.

Барномаи миллии тайёркунии кадрҳо собитқадамона амалӣ гардонда мешавад. 44 литсеи академӣ ва 291 коллеҷи касбу ҳунар барои 215,5 ҳазор хонанда сохта шуд. Дар раванди таълим андозаҳои нави давлатии таълим барои мактабҳои маълумоти ҳамагонӣ, ҳамчунин миёнаи махсус, касбу ҳунар ва олӣ таҳия гардиданд ва татбиқ ёфтанд. Китобҳои дарсии насли нав тайёру интишор меёбанд. Дар 56 донишкадаи ҷумҳурият кадрҳои омўзгорӣ ва муҳандисиву омўзгорӣ тайёр карда мешаванд.

Баробари ин далелҳои халалдор кардани қонунгузории мавҷуда оиди истифодабарии об ва замин, риоя накардани ўҳдадориҳои шартномавӣ дар кишоварзӣ решакан нагардидаанд.

Корҳо оиди бо асбоби ченкунии газ ҷиҳозонидани бунёди манзил дар вилоятҳои Қашқадарё, Сурхондарё ва Сирдарё, оид ба ҷиҳозонидан бо асбобҳои ченкунии об дар Ҷумҳурияти Қароқалпоқистон, вилоятҳои Андиҷон, Намангон, Сурхондарё, Сирдарё суст аст.

Ислоҳсозии Маҷмўи бинокорӣ ғайриқаноатбахш давом дорад. Гузарондани тендерҳо оиди интихоб кардани пудратчиён бо қонуншикании дағал ба рўи об мебарояд. Иҷрои ўҳдадориҳои шартномавӣ байни пудратчиён ва фармоишгарон ҷиҳати шаклпарастиро пайдо намудааст.

Пешгўии нимсолаи содирот ҳамагӣ ба 96,6 фоиз иҷро гардидааст. Аз 43 вазорат, идора, ассотсиатсия 14-тоаш супоришро оиди содирот ба иҷро нарасондааст. Ҳанўз сармояҳои хориҷӣ ба такмил додани соҳаҳои ҷудогонаи иқтисодиёт ва рушди минтақаҳои ҷумҳурият ба қадри кофӣ ҷалб намегарданд. Дар 21 ноҳия корхона бо сармояҳои хориҷа созмон наёфтааст.

Қонуншикании дағалона ҳини харҷ намудани маблағҳои буҷавӣ, далелҳои ғайримақсад истифода бурдан, бар хилофи қонун азхуд намудани маблағҳо ва захираҳои моддӣ ҷой доранд. Вазни қиёсии корхонаҳои зараровар, пеш аз ҳама саҳми амволдории давлатӣ дар низомҳои «Ўзбекчармпойафзал», «Ўзпаррандасаноат», «Пищепром», «Ўзбекенгилсаноат», «Ўзқурилишматериаллари», «Ўзгўштсутсаноат» ҳамоно баланд аст. Раванди муфлисэълонкунии корхонаҳои зараровар ва дараҷаи даромадашон паст суст ба рўи об мебарояд.

Низоми мавҷудаи ба ҷумҳурият овардан ва фурўхтани молҳои истеъмолии воридотӣ, ташкили моломол кардани бозори дохилаи истеъмолӣ бо молҳои ба рақобат тобовари истеҳсолоти ватанӣ ва реклама кардани онҳо тағйироти куллиро тақозо дорад.

2. Ба сарварони маҷмўъҳои Девони Вазирон, Шўрои Вазирони Ҷумҳурияти Қароқалпоқистон, ҳокимиятҳои вилоятҳо ва шаҳри Тошканд, вазорату идораҳо супурда шавад, ки дар бадали як ҳафта рафти ислоҳоти иқтисодиро дар ҳудудҳо, соҳаҳо ва бахшҳои иқтисодиёт аз назари танқидӣ арзёбӣ кунанд, таҳияи тадбирҳои амалиро оиди амалӣ гардондани вазифаҳое таъмин сохтанд, ки дар маърўзаи худ Президенти Ҷумҳурияти Ўзбекистон И.А.Каримов ба миён гузоштааст.

3.Нишон дода шавад ба сарварони:

ширкатҳои «Ўзбекэнерго» (Шоисматов), «Ўзбекнефтегаз» (Сайдаҳмедов), «Ўзкимёсаноат» (Ҳасанов), Шўрои Вазирони Ҷумҳурияти Қароқалпоқистон (Тоҷиев), ҳокимиятҳои вилоятҳои Ҷиззах (Ямонкулов), Навоӣ (Рўзиев), Фарғона (Отабоев) суст будани корҳо оиди ҷалб сохтан ва азхудкунии сармояҳои хориҷа;

ассотсиатсияҳои «Ўзбекчармпойафзоли» (Холмуродов), «Пищепром» (Холмуҳаммедов), ширкатҳои «Ўзқурилишматериаллари» (Акрамов) ва «Ўзбекенгилсаноат» (Эргашев) наандешидани тадбирҳо оиди барҳамзании корхонаҳои дараҷаи даромадашон паст ва зараровар, пеш аз ҳама корхонаҳое, ки саҳми амволдории давлатӣ калон аст;

Шўрои Вазирони Ҷумҳурияти Қароқалпоқистон, ҳокимиятҳои вилоятҳои Андиҷон, Қашқадарё, Намангон, Сурхондарё ва Сирдарё барои роҳ гузоштани қафомонӣ дар бобати амалӣ гардондани барномаи бо асбобу ускунаи ҳисобкунии газу об ҷиҳозонидани бунёди манзил.

Ҳисобот дар бораи корҳои ба иҷро расидаи сарварони идора ва мақомоти ҳудудии номбаршуда дар маҷлиси Девони Вазирон аз рўи натиҷаҳои моҳҳои январу сентябри соли 2002 шунида шавад.

4. Ба Шўрои Вазирони Ҷумҳурияти Қароқалпоқистон, ҳокимиятҳои вилоятҳо ва шаҳри Тошканд якҷоя бо Кумитаи давлатӣ оид ба идоракунии амволи давлатӣ ва хусусигардонии Ҷумҳурияти Ўзбекистон, сохторҳои бонкӣ ва дигар сохторҳое, ки ба соҳибкории хурд хизмат мерасонанд, супурда шавад, ки тадбирҳоро оид ба рушди минбаъдаи инфрасохтори бозоргонӣ, таъмини бархурдории тадбиргарон аз захираҳои моддиву техникӣ, бо техникаи зарурӣ таъмин кардани онҳо, созмон додани шабакаи васеи савдои хурду кўтарафурўшӣ ва сервис, ҳамаҷониба вусъат додану беҳтар кардани хизматрасонии бонкӣ, ҳаллу фасли муаммоҳои алоқаманди талабу фурўши махсулоте, ки соҳибкории хурд ва тадбиргарон истеҳсол менамоянд, андешанд.

Аз хусуси корҳои иҷрогардида Девони Вазиронро аз рўи натиҷаҳои соли 2002 бохабар гардонанд.

5. Ба Вазорати адлия, Додситони Ҷумҳурияти Ўзбекистон супурда шавад, ки тартиби зарурира дар масъалаҳои ғайриқонунӣ дахолат намудани мақомоту идораи маҳаллии ҳокимият ба фаъолияти субектҳои тадбиргарӣ, соҳибкории хурду миёна таъмин созанд, диққату эътибори асосиро бар хилофи қонун ҷалб сохтани маблағи тадбиргарон, ба корҳои хайрот ва дигар мақсадҳо нигаронанд.

Аз хусуси корҳои баиҷрорасида дар маҷлиси Девони Вазирон аз рўи натиҷаҳои соли 2002 ҳисобот диҳанд.

6. Ба Комиссияи махсуси Девони Вазирон оид ба масъалаҳои оқилона ва босамар истифода бурдани захираҳои табиӣ, маъданиву ашёи хом ва сўзишвориву энергетикӣ (К.Тўлаганов) супурда шавад, ки рафти иҷрои қарорҳои ҳукуматро оиди масъалаҳои сарфакорона, оқилона, эҳтиёткорона истифода бурдани захираҳои муҳимтарини табииву ашёи хом ва аҷноси энергетикӣ, ҷиҳозонидани бунёди манзил бо асбобу ускунаи ченкунии обу газ аз нигоҳи танқидӣ арзёбӣ карда, оиди тадбирҳои андешидашуда маҷлиси Девони Вазиронро аз рўи натиҷаҳои нўҳ моҳи соли 2002 бохабар гардонад.

7. Ба Вазорати адлияи Ҷумҳурияти Ўзбекистон, Шўрои Вазирони Ҷумҳурияти Қароқалпоқистон, ҳокимони вилоятҳо ва ноҳияҳо супурда шавад, ки назорати қатъиро аз болои бечуну чаро иҷро намудани ўҳдадориҳои шартномавӣ оиди истеҳсол ва фурўши маҳсулоти кишоварзӣ, дар навбати аввал аз рўи шартномаҳои дохилихоҷагӣ, байни ширкатҳо ва пудратчиёни оилавӣ таъмин созанд. Диққату эътибори асосӣ ба роҳ нагузоштан оиди худсарона аз як ҷониб вусъат додани ҳаҷмҳои хариди давлатӣ ба он мақсад, то ки ҳар як фермер ва пудратчии оилавӣ он чизеро, ки ба вай мувофиқи шартнома мансуб аст, гирад, нигаронда шавад.

Сарварони хоҷагиҳое, ки ўҳдадориҳои шартномавии худро иҷро накардаанд, мувофиқи тартиби муқарраргардида ба ҷавобгарии сахт кашида шаванд.

8. Ба Вазорати меҳиқтисодиёт ва омори Ҷумҳурияти Ўзбекистон якҷоя бо ҳокимиятҳои вилоятҳои Ҷиззах, Қашқадарё, Намангон ва Сурхондарё, Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, Вазорати молияи Ҷумҳурияти Ўзбекистон супурда шавад, ки дар тўли ду моҳ вазъи рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии ноҳияҳои ҷудогонаи кўҳиро ҳамаҷониба омўхта, ба Девони Вазирон таклифро дар бобати пешомадҳои рушди минбаъда, таҳкими инфрасохтор ва ҳаллу фасли масъалаи бо шуғл фарогирии қисми бекори аҳолӣ, алалхусус ҷавонон, пешкаш созанд.

9. Ба Вазорати кишоварзӣ ва хоҷагии об (Ҷўраев) якҷоя бо Вазорати молияи Ҷумҳурияти Ўзбекистон, дигар вазорату идораҳои манфиатдор супурда шавад, ки дар тўли ду моҳ меъёри маблағҳои гирдгардонро аз рўи тамоми намудҳои корхонаҳои кишоварзӣ бо назардошти махсусияти минтақавии рўёндани намудҳои асосии зироати кишоварзӣ таҳия сохта, ба ҳукми хоҷагиҳо расонанд.

10. Ба Кенгаши ҷумҳурии рағбатноксозии рушди нерўи содиротӣ (Ў.Т.Султонов) супурда шавад, ки сабабҳои аз тарафи иттиҳодияҳо ва корхонаҳои ҷудогонаи хоҷагидорӣ иҷро нагардидани пешгўии содироти молҳоро (корҳо, адои хизматро) дар нимаи якуми соли ҷорӣ аз нигоҳи танқидӣ арзёбӣ намуда, тадбирҳои мушаххасро оиди бечуну чаро иҷро намудани нишондиҳандаҳое андешанд, ки барои соли 2002 муқаррар гардидаанд.

Масъалаи иҷрои дурнамои содироти махсулот дар маҷлиси Девони Вазирон аз рўи натиҷаҳои нўҳ моҳи соли 2002 баррасӣ карда шавад.

11. Ба Нахуствазир Ў.Т.Султонов супурда шавад, ки дар бадали як моҳ бо сабабҳои боздеҳи пасти корхонаҳои ҷудогона бо сармояҳои хориҷа, аз он ҷумла ғайрисифатнок тайёр гардидани асосҳои техникиву иқтисодии лоиҳаҳои сармоягузорӣ, ҳиссаи калон доштани ашёи хоми воридотиро дар маҳсулоти тайёршаванда, набудани тадқиқи маркетингии мувофиқи мақсади истеъмоли маҳсулот, суст будани назоратро аз болои иҷрои ўҳдадориҳо аз тарафи шарикон ҳаматарафа машғул гардида, тадбирҳои зарурие ро андешад, ки босамарии фаъолияти корхонаҳои бо сармояи хориҷа созмондодашударо таъмин созад. Аз хусуси корҳои ба иҷрорасида маҷлиси девони Вазиронро бахшида ба натиҷаҳои нўҳ моҳи соли 2002 бохабар созад.

12. Ба ҷонишини аввали Нахуствазир К.Н.Тўлаганов ва сарварони маҷмўъҳои Девони Вазирон якҷоя бо Вазорати меҳиқтисодиёт ва омор, Вазорати молияи Ҷумҳурияти Ўзбекистон, вазорату идора ва иттиҳодияҳои хоҷагидории манфиатдор, Шўрои Вазирони Ҷумҳурияти Қароқалпоқистон, ҳокимиятҳои вилоятҳо ва шаҳри Тошканд супурда шавад:

инвентаризатсияи пурраи обектҳоеро, ки аз ҳисоби манбаъҳои мутамарказонидашудаи маблағгузорӣ ба лоиҳа гирифтаву сохта шудаанд, гузаронанд;

ба роҳ мондани тартиби заруриро дар бобати амалӣ гардондани тендерҳои корҳои пудратӣ, қатъан риоя намудани шартҳои шартномаи пудратӣ аз тарафи фармоишгарон ва пудратчиён, роҳ нагузоштан ба беасос зиёд гаштани арзиши аслии сохтмон ва толону тороҷ намудани маблағ, ба вуҷуд омадани қарзҳои кредиторӣ таъмин созад.

Аз хусуси корҳои баиҷрорасида аз рўи натиҷаҳои нўҳ моҳи соли 2002 Девони Вазиронро бохабар созад.

13. Ба Вазорати меҳиқтисодиёт ва омори Ҷумҳурияти Ўзбекистон якҷоя бо вазорату идораҳои манфиатдор, Шўрои Вазирони Ҷумҳурияти Қароқалпоқистон, ҳокимиятҳои вилоятҳо ва шаҳри Тошканд супурда шавад, ки дар пойгоҳи инвентаризатсияи пурраи вазъи сохтмонҳо то 1 ноябри соли 2002 таклифро оид ба вуҷуд овардани Барномаи инвеститсионӣ дар давраи солҳои 2003-2005 бо назардошти устуворнокии объектҳои бинокорӣ, босамарии иқтисодӣ ва аҳамияти иҷтимоии онҳо, ҳаҷмҳои сохтмони нотамом пеш гузорад.

14. Ба Маҷмўи умумиқтисодии Девони Вазирон (Азимов), Вазорати молияи Ҷумҳурияти Ўзбекистон якҷоя бо Кумитаи давлатии андози Ҷумҳурияти Ўзбекистон, вазорату идораҳои манфиатдор супурда шавад, ки ҳангоми таҳияи лоиҳаи Буҷаи давлатӣ барои соли 2003 ва солҳои минбаъда собитқадамона кам кардани дараҷаи андозситониро ба буҷа пешбинӣ намоянд.

Дар тўли як моҳ ба Девони Вазирон таклифро оиди кам кардани ставкаи андози даромад ва оид ба кам кардани сарбории андоз пешкаш созанд.

15. Ба Вазорати молияи Ҷумҳурияти Ўзбекистон якҷоя бо вазорату идораҳои манфиатдор супурда шавад, ки дар бадали як моҳ Барномаи кам кардани хароҷотҳои давлатиро дар соли 2002 ва то давраи соли 2005 таҳия сохта, ба Девони Вазирон пешкаш кунанд, ки ҳаҷмҳои мақбул ва сохтори хароҷотҳо, муқаррар кардани назорати босамарро аз болои харҷи маблағҳои бунёдҳои мақсадноки давлатӣ, вусъат додани манбаъҳои ғайрибуҷавии бо маблағфарогирӣ, баланд бардоштани манфиатдории ташкилотҳои буҷавиро дар бобати босамар истифода бурдани захираҳои буҷавӣ пешбинӣ карда бошанд.

16. Ба Кумитаи давлатӣ оид ба идоракунии амволи давлатӣ ва хусусигардонии Ҷумҳурияти Ўзбекистон якҷоя бо Вазорати молияи Ҷумҳурияти Ўзбекистон супурда шавад, ки дар тўли ду ҳафта меъёрҳои аниқро муайян созанд, ки мувофиқи мақсад будани ҳузур доштани давлатро дар активҳои корхонаҳо ва субъектҳои хоҷагидорӣ муайян месозанд ва ба Девони Вазирон таклифро оиди ба таври илова дар бозорҳои фондии ҷумҳурият, аз он ҷумла ба сармоягузорони хориҷа фурўхтани саҳми давлатро дар корхонаҳое пеш гузоранд, ки аҳамияти стратегӣ надоранд.

17. Ба Вазорати меҳиқтисодиёт ва омори Ҷумҳурияти Ўзбекистон (Азимов), Кумитаи давлатӣ оид ба идоракунии амволи давлатӣ ва хусусигардонӣ, Кумитаи оид ба масъалаҳои корхонаҳои аз нигоҳи иқтисодӣ ғайриқобил, Вазорати молияи Ҷумҳурияти Ўзбекистон, маҷмўъҳои дахлдори Девони Вазирон супурда шавад, ки ҳамаи корхонаҳои давлатиро ҳамаҷониба муоина карда, то 1 сентябри соли ҷорӣ Барномаи мушаххасро оиди барҳам задани корхонаҳои давлатии дараҷаи даромадашон паст ва зараровар, бо саҳмфарогирӣ ва шаклҳои дигари амвол мубаддал сохтани онҳо таҳия созанд ва ба Девони Вазирон пешкаш кунанд.

Рафти иҷрои корҳо оиди барҳам задани корхонаҳои давлатии ғайрипешомаднок ва зараровар ҳар се моҳ як бор дар маҷлиси Девони Вазирон мавриди баррасӣ қарор дода шавад.

18. Ба Кумитаи масъалаҳо оид ба корхонаҳои аз нигоҳи иқтисоди ғайриқобил (Саидов) супурда шавад, ки боз ҳам фаъолонаву қатъан амалӣ гардондани раванди муфлисиро нисбати корхонаҳои ғайрипешомадноки зараровари амволдории давлатӣ, мувофиқи тартиби муқарраргардида барои дар бозори фондӣ ба фурўш гузоштани онҳо, саравал ба сармоягузорони хориҷа таъмин созад.

19. Ба Вазорати адлияи Ҷумҳурияти Ўзбекистон якҷоя бо Вазорати меҳиқтисодиёт ва омор, Суди Олии хоҷагидорӣ, Кумитаи оид ба масъалаҳои корхонаҳои аз нигоҳи иқтисодӣ ғайриқобил, Вазорати молияи Ҷумҳурияти Ўзбекистон ва дигар вазорату идораҳои манфиатдор супурда шавад, ки дар бадали як моҳ ба Девони Вазирон лоиҳаи таҳрири нави Қонунро «Дар бораи муфлисӣ» пешкаш созанд.

20. Ба Вазорати меҳиқтисод ва омори Ҷумҳурияти Ўзбекистон, Маҷмўи истеҳсоли молҳои истеъмолӣ ва савдо (Усмонов) якҷоя бо вазорату идораҳои манфиатдор супурда шавад, ки дар тўли ду моҳ тадбирҳоро оид ба вусъат додани истеҳсол ва моломол кардани бозори дохила бо молҳои хушсифати ватании истеъмолӣ андешанд. Аз хусуси корҳои иҷрогардидаи натиҷаи соли 2002 Девони Вазиронро бохабар гардонанд.

21. Ба Кенгаши байниидоравӣ оид ба реклама (Баҳромов), ширкатҳои «Ўзбекенгилсаноат», «Ўзмевасабзавотузумсаноат-холдинг», Ассотсиатсияи «Пищепром» ва дигар иттиҳодияву корхонаҳои хоҷагидорие, ки молҳои истеъмолӣ мебароранд, супурда шавад, ки дар тўли як моҳ маҷмўи тадбирҳоро оиди рекламаи васеи молҳои ватании истеҳсолшаванда ва таъмини фурўши онҳо андешанд.

22. Ба ҳокимиятҳои вилоятҳои Бухоро, Навоӣ, Самарқанд, Тошканд ва шаҳри Тошканд супурда шавад, ки тадбирҳои таъхирнопазирро оиди бартараф сохтани қафомонӣ оиди сохтмону ба истифода супурдани литсейҳои академӣ ва коллеҷҳои касбу ҳунар андешанд.

Аз хусуси корҳои иҷрогардида Девони Вазиронро то 20 августи соли ҷорӣ бохабар гардонанд.

23. Сарварони ассотсиатсияҳои «Ўзэлтехпром» (Умаров), «Ўзавтосаноат» (Парпиев), «Ўзагромашсервис» (Нишонов), Иттиҳодияи давлативу саҳҳомии тайёрасозии Тошканд ба номи Чкалов (Кучеров), корхонаҳои «Заводи мотор» (Одилов), «Заводи Агрегат» (Тен) барои иҷро нагардидани барномаи локализатсияи истеҳсол ва тайёркунии таҷҳизоти таълимиву лабораторӣ сахт огоҳонида шаванд.

Ба Нахуствазир Ў.Т.Султонов супурда шавад, ки сабабҳои вазъи ба амал омадаро омўхта, тадбирҳои мушаххасро оиди барҳам задани қафомонии мавҷуда дар ташкили истеҳсоли таҷҳизоти таълимиву лабораторӣ андешад. Аз хусуси корҳои ба иҷрорасида Девони Вазиронро аз рўи натиҷаҳои нўҳ моҳи соли 2002 бохабар гардонад.

24.Ба Маҷмўи иҷтимоии Девони Вазирон (Кароматов), Вазорати таълими халқ, Вазорати маълумоти оливу миёнаи махсуси Ҷумҳурияти Ўзбекистон, Маркази маълумоти миёнаи махсусу касбу ҳунар супурда шавад:

дар бадали як моҳ тадбирҳоро оид ба такмил додани низоми тайёркунӣ ва бозомўзии кадрҳои омўзгорӣ таҳия сохта, баланд бардоштани сифати таркиби профессорону омўзгорон, беҳдошти вазъи моддиву техникӣ ва заминаи таълимиву равишомўзии курсҳо, факултаҳо, марказҳо ва пажўҳишгоҳҳои баланд бардоштани малакаро дар низоми маълумоти умумии миёнаи махсус ва олӣ бо назардошти талабҳои Барномаи миллии тайёркунии кадрҳо пешбинӣ намоянд;

суръати таҳия ва тасдиқ намудани андозаҳои давлатии таълимро аз рўи тахассусҳои коллеҷҳои касбу ҳунар баланд бардоранд;

якҷоя бо Оҷонсии Ўзбекистон оид ба матбуот ва иттилоот тартиберо ҷорӣ кунанд, ки зимни он тамоми намудҳои китобҳои дарсии таълифёбанда бояд қатъан ба усулият ва талабҳои «Консепсияи созмон додани китобҳои дарсии насли нав барои низоми маълумоти бардавом» ҷавобгў бошанд.

25. Назорати иҷрои протоколи мазкур ба зиммаи Нахуствазири Ҷумҳурияти Ўзбекистон Ў.Т.Султонов гузошта шавад.

**Раиси Девони Вазирон И.КАРИМОВ.**

шаҳри Тошканд, 18 июли соли 2002.

Инқилоби Миср панҷоҳсола шуд

# Кишваре, ки на танҳо бо гузашта мефолад



**Муҳаммад Ҳуснӣ Муборак.**

***Дирўз Ҷумҳурии Мисри Араб 50-солагии инқилоби моҳи июлро ҷашн гирифт. Ин инқилоб на танҳо дар мамлакат сохтори мутлақияти давлатиро вожгун намуд, он дар ҳаёти сиёсии минтақа ва қитъаи Африқову олами араб гардиши куллие ба вуҷуд овард.***

Ба назар бигирем, ки Миср дар Африқо ва хусусан дар олами араб ҳамеша мақоми умда дошт, маҳз дар ин мамлакат ба вуҷуд омадани нахустин инқилоби сиёсии ислоҳотхоҳ ҳолати табиӣ ва мантиқӣ будааст. Бо он тамаддуни бостонӣ ва анъаноти ғаниву мухталифи мазҳабӣ Миср ҳамчун як кишвари африқоӣ бо Урупо низ ҳамгароии қадимӣ доштааст ва осори меъмориву археологие, ки то имрўз расидааст, аз он гувоҳӣ медиҳад. Ва ин гуфтугўи Мисри қадим бо қитъаи шимолӣ ба фарҳанг ва тамаддуни он афзудааст ва аз ин боис дар идомаи мантиқии он дар қарни бистум низ Миср аз аввалин мамлакатҳои шимоли Африқо буд, ки дар ҷараёни мавҷи озодихоҳии миллии солҳои 50-60-уми асри гузашта дар сафи пеш қарор дошт. Чунин як маҷрои муқтадири сиёсӣ ва иҷтимоии кишварҳои мустамлика пас аз Ҷанги дуюми ҷаҳон, ки он бо шикасти комили фашизм анҷом ёфт, дар қитъаҳои Африқову Осиё авҷ гирифта, баъзе аз мардумони ин қитъаҳо озодиро ба даст оварда, сарнавишти сиёсии худро ба дасти хеш гирифт. Ва барои ин ҳам на ҳамаи мамлакатҳо омода буданд, зеро ин ҳаракати озодихоҳӣ то ҳанўз дар баъзе минтақаҳо идома дорад. Аммо кишваре мисли Миср имрўз ним аср аст, ки «деҳқонаш барои худ кишт мекунад».

Бо роҳбарии доҳии худ Ҷамол Абдулносир ба даст овардани истиқлолияти сиёсӣ ва миллӣ ҳанўз истиқлолияти иқтисодиро таъид намекард, зеро дар ин соҳа Қоҳира мебоист бо давлатҳои мутараққии Урупо ва Иттиҳоди Шўравӣ муносибатро ба роҳ гузорад. Ва мамлакат аз онҳо кўмаки ногузирро дар сохтмону коммуникатсия ва тавлиди барқу киштисозӣ дастрас намуд ва барояш муяссар гардид, ки пас аз ҷанг бо чанд мамлакати ғарб барои озодӣ ва якпорчагии давлати худ аздусар бо онҳо забон ёбад.



**Дар Миср соле то 54 ҳазор мошини сабукрав истеҳсол мегардад.**

Ва ба даст овардани озодӣ дар пеши мардум ва мамлакат озмоишҳои зиёдеро гузошт, ки бар асари он озодии Миср чандин бор зери хатар боқӣ монд. Хусусан ҷангҳои зиёд бо ангезандаи минтақа—давлати Исроил ва даҳсолаҳои дигар дар ҳолати ҷангӣ мондани Миср нисбати давлати яҳудиён ҳаёти иқтисодии кишварро на танҳо аз пешравӣ нигоҳ медошт, балки ба ҳаёти соҳаи гуногуни он хисороти зиёд ворид мекард. Собиқ раисиҷумҳури мамлакат Анвар Содот соли 1979 дар Кемп-Девиди ИМА бо миёнҷигарии роҳбари ин мамлакат муваффақ гардид, ки аҳдномаи сулҳро бо Исроил ба имзо расонад.

Пўшида нест, ки Ҷумҳурии Мисри Араб дар байни мамлакатҳои арабӣ бонуфузтарини онҳо мебошад ва дар масоили минтақа ва кишварҳои арабӣ бо назари он ҳисоб мебаранд. Ба ин қабл аз ҳама салоҳияти сиёсӣ ва қудрати иқтисодӣ ва мавқеи ҷуғрофии мамлакат боис гаштааст. Бо 60 миллион аҳолии худ Миср имрўз аз муваффақтарин мамлакатҳои африқоӣ мебошад, зеро ба шарофати рушди саноати сайёҳӣ ва обёриву индустриякунонӣ мамлакат новобаста аз он ки дар паҳнои саҳроҳои хушку ташнаи шимоли шарқии Африқо доман густурдааст, бузургтарин барномаҳои худро дар ҷиҳати ободонии заминҳо ва рифоҳи ҷамъияти худ пиёда намудааст ва ин ислоҳот дар ҳама соҳаҳо идома дода мешавад.

Раисиҷумҳури Миср Муҳаммад Ҳуснӣ Муборак дар арсаи сиёсати ҷаҳон мақоми мамлакатро кайҳост, ки барҷой гузоштааст ва аз чунин шахсияте мисли ў, ки бист сол инҷониб давлатро роҳбарӣ менамояд, эҳтиром мегузоранд ва ў кафили осудагии минтақа ва ваҳдати нисбии олами араб мебошад. Аз ин боис муҳимтарин масоили минтақа ва давлатҳои араб аксаран аз тариқи дарИчаи Қоҳира назар карда, бо назардошти мавқеи роҳбарияти Миср баррасӣ мегардад.

Ҳоло Миср бо пиёда намудани барномаи тараққиёти худ дар давраи таърихи навини мамлакат ҳамагӣ панҷоҳ солро пушти сар гузоштааст. Ва мардуме, ки дар таърихи башарияти мутамаддин нақши назаррас ва оламгирро гузоштааст, қодир аст боз мўъҷизаҳо офарад.

**Тоҷибой ИКРОМОВ,**
**шореҳи сиёсии «Овози тоҷик».**

Пайванд

# Нигоштаҳои шоира

***Шоира—Раънои Зоирдухт зодаи шаҳри Истаравшан, 15 декабри соли 1961 таваллуд ёфтааст. Техникуми савдои шаҳри Тошкандро соли 1981-83 хатм намуда, як муддат корманди савдо шуда кор кардааст. Алъон ҷонишини сардабири нашрияи «Ганҷи Ороста», Раиси бахши Ўротеппагии Бунёди забони тоҷикӣ. Маҷмўаи аввалинаш «Гули толеъ»-ро барои мухлисонаш эҳдо намуда, китоби дуюмашро бо номи «Духтари субҳ» ба дасти чоп супурдааст. Орзу дорад бо дўстони ўзбекаш воҳўрие гузаронад. Чанд нигоштаҳояшро манзури хонандагони арҷманди «Овози тоҷик» мегардонем.***

*Эй субҳ, эй умеди аз зулмат раҳоиям,*
*Дар интизори ту дари дилро кушодаам.*
*Ранги хазон гирифта ин садбарги синаам,*
*Ғайри сиришку хуни дил чизе надодаам.*

*Бори гарони ғуссаро аз дўши дил бигир,*
*Ҷонам ба кўчаҳои дил то гоми хуш занад.*
*Барбанд кўчи рўҳ аз ин иқлими тангу тор,*
*Шайтони яъс зери по то ин ки ҷон канад.*

*Аз бозиҳои мижаи хуршеди рўи бом,*
*Эҳсос мекунам ба дил шодиву суру шавқ.*
*Аз қум—қуми кабўтарони байзаинтизор,*
*Ҳамле ба батни майли ман меҷунбадам ба завқ.*

*Бо ҷорўби тилоии худ рўбу тоза кун,*
*Гарду ғубори рўҳу ҷону ақлу ҳам хаёл.*
*Бо ту маро фаро расад тавлиди шодиҳо,*
*Эй субҳи навтулўъ, бизӣ бо ман ҳазор сол!*

***

*Ҳам нураму ҳам бенур, эй ёр маро бингар,*
*Ҳам сураму ҳам бе сур, эй ёр маро бингар.*

*Бе ту ғами ман афзун, ду чашми сарам пурхун,*
*Аз наздику ҳам аз дур, эй ёр маро бингар.*

*Чун ҳусну ҷамолатро баҳрам бинамоӣ ту,*
*Шомам бишавад пурнур, эй ёр маро бингар.*

*Хамёза кашад лола, дар ҷойгаҳи сабзаш,*
*То ки бишавӣ махмур, эй ёр маро бингар.*

*Ман зодаи Усрўшан, з-ин мулк ҳаменозам,*
*Масъудаму ҳам масрур, эй ёр маро бингар.*

*Бишнав сухани ҳақро, ҳарчанд, ки талх аст он,*
*Нўше бидиҳад занбўр, эй ёр маро бингар.*

*Розе бикунам ифшо, бар рағми фалаҷҳарфон,*
*Қалбест маро пуршўр, эй ёр маро бингар.*

*Аз нолаи мурғи дил, табъест маро бедор,*
*Дардам бикунам маншур, эй ёр маро бингар.*

*Эй дўст мазан барҳам, меҳре ки ба дил дорам,*
*То ки нашавӣ маъзур, эй ёр маро бингар.*

*Дар мулкати шеъри тар бар қасди заифтабъон,*
*Барзигараму муздур, эй ёр маро бингар.*

*Аз рўи гули Раъно, бўе нашамидастӣ,*
*Ҳолам бикунам манзур, эй ёр маро бингар.*

***

*Бар машоми завқ бўи шодӣ меояд, чӣ хуш,*
*Бар дари маҳҷури дил ангушти шафқат мезанӣ.*
*Эй, ки меҳонам зи авроқи нигоҳат ҳарфи ишқ,*
*Бе ибову бе хато, они манӣ, они манӣ.*

*Пардаи зулмотро бидрид хуршеди мунир,*
*Ханда зад анбар гулистони адаб садбарги ишқ.*

*Ҳастии мо мисли умри шабнами рўи гул аст,*
*Як нафас лағзиш бувад моро хабар аз марги ишқ.*

*Нурполо шаҳри қалби ман ҳама аз меҳри туст,*
*Эй каломи ту нумўбахшандаи сидқу сафо.*
*Чун сиришти бомуҳаббат ҷавҳари обу гилам,*
*Кам макун аз хонаи қалби манат нуру зиё.*

*Дар самои шукр наҷми сур пошад шаъшаа,*
*Офтоби шавқи субҳ астам дар айёми тулўъ,*
*Мужда орад ҳудҳуди боди сабо аз боғи умр,*
*Ай Худо! Бахшо ба Раъно бахту толеи накў!*

***

*Гули садбарги вафо боз ба сад ноз шукуфт,*
*Гўши дил нағмаи мурғони саҳархез шунуфт.*

*Ҷомаи нилуфарӣ кард ба бар субҳи умед,*
*Нигаҳи сабзи чаман бар нигаҳам омад ҷуфт.*

*Нашавад боз ба рўям дари ғамхона дигар,*
*Шодии ин дили шайдои маро мастон муфт.*

*Сўҳбати аҳли назар, қуввати имони ман аст,*
*Ояти рўшании дидаи оина кӣ гуфт?*

*Рафтанӣ рафту маро бими гунаҳ монд ба дил,*
*Зи амалҳои хато чашми сарам ҳеҷ нахуфт.*

*Будану рустани ман мавриди бухли дигарон,*
*Кай ба ҷуз ҳарзаи пуч, ғук дигар чизе гуфт?*

*Хонаи чашми диламро ту ки меҳмон шудаӣ,*
*Боядам аз паи меҳмон дигар ин хона нарўфт.*

*Зи гуҳар холӣ набошад кафи килкат, Раъно,*
*Ғайри ту кист, ки ин гавҳари якдона бисуфт?*

***

*Дод фалак барои ман табъи латифу содаро,*
*Ақлу фаросати хушу иффату ҳам иродаро.*

*Муддаӣ сахткўшӣ чист аз амалу тавонгарӣ?*
*Нармии сина аз куҷо буда зани назодаро.*

*Нури Аторудам бувад ҳамсафари хаёли ман*
*Лек набишмарам ҳақир роҳрави пиёдаро.*

*Баски пиёлаи ҳавас пур шуда аз шароби кибр,*
*Зоиқа ҳис намекунад лаззати шаҳди бодаро.*

*Қадди ниҳоли борвар ҳам шудаасту во аҷаб,*
*Ин ҳама беди бесамар шукр намекунад чаро?*

*Тангии рўзгори мо талх намуда айши мо,*
*Ҷониби шодиву фараҳ манъ намуда ҷодаро.*

*Ғунча ба мавҷи хандаҳо, дард ҳамекунад ниҳон,*
*Сурхии рўзи сўзи мо, фаҳм кун ин ифодаро.*

*Парда ба рўи шеъри худ мекашамаш зи чашми ҳирс,*
*Баҳри ту ҳадя мекунам номаяки кушодаро.*

